# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи “Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Муаррифии чеҳраҳои нави адабӣ яке аз ҳадафҳои калидии адабиётшиносӣ мебошад. Тавре маълум аст, аксари бузургони адабиёти мо бо сабабҳои гуногун муаррифию таҳқиқ нашудаанд. Ҳумоми Табрезӣ низ аз шоирони камшинохтаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меояд. Тазкиранигорону суханшиносон аз ӯ ҳамчун шоири баноми ғазалсаро ёд карда, дар сурудани ғазал ӯро ҳамдӯши Саъдии Шерозӣ донистаанд. Таҳқиқи саҳеҳи илмии ин мавзуъ, албатта, дониши моро доир ба ривоҷи ғазалсароӣ дар асри XIII афзун намуда, ҷойгоҳи Ҳумоми Табрезиро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ муайян менамояд.

Баррасии ашъори Ҳумоми Табрезӣ ва таҳқиқи вижагиҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мешавад. Зеро то ин ҷониб масоили вежагиҳои ашъори Ҳумоми Табрезӣ мавриди баррасии густурда қарор нагирифтааст. Ҳарчанд дар тазкираҳо ва донишномаҳо пештар дар ин мавзуъ ишораҳо шудааст ва баъзе муҳаққиқон дар осори илмии худ аз ӯ ҳамчун шоири ғазалсаро ном бурдаанд, аммо рисолаи илмии комиле, ки тамоми паҳлуҳои ашъор ва махсусан, ғазалиёти Ҳумоми Табрезиро фарогир бошад, таҳқиқ нагардидааст.

Рисолаи илмии муҳаққиқ Фатулоҷони Умарзода таҳти унвони “Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ” актуалӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад, чунки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ин мавзуъ ба таври густарда ва ҳамаҷониба таҳқиқ мешавад.

Аз муҳтавои автореферат маълум мешавад, ки диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, ду зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми рисола “Зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ” унвон гирифта, аз ду фасл ва ду зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ин қисмат муҳаққиқ ба масъалаи шарҳи аҳвол ва осори Ҳумоми Табрезӣ руҷуъ намудааст. Дар ин қисмат, ҳамчунин, масъалаи таснифоти жанрии ашъори Ҳумоми Табрезӣ омӯхта шуда, муҳаққиқ ба чунин хулоса омадааст, ки ашъори шоир, асосан, фарогири ғазалиёт, қитъаот, рубоиёт ва фардбайтҳо мебошад.

Боби дуюми рисола “Мундаричаи ғоявии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ” унвон гирифта, аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Дар ин қисмати кор муҳаққиқ мавзуъ ва мундаричаи ашъори Ҳумоми Табрезиро марвиди баррасӣ қарор дода, қайд мекунад, ки дар ашъори шоир бештар мавзуъҳои ишқу муҳаббат, инсондӯстӣ, тараннуми сулҳу дӯстӣ, васфи табиат, мавзуъҳои панду андарз ва фалсафию ирфонӣ бартарият доранд.

Боби сеюми рисола “Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ” унвон гирифта, муҳаққиқ дар ин қисмат вежагиҳои бадеӣ ва ҳунарии ғазалиёти шоирро пажӯҳиш кардааст. Дар ин қисмат масъалаи устухонбандӣ, ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳо, истифодаи вазн дар ғазалҳо, анвои қофияи истифодакардаи шоир, радиф ва орояҳои бадеии маънавии тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, маҷоз, талмеҳ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бояд арз кард, ки муҳаққиқ бо навиштани ин рисолаи илмӣ дар шинохт ва кашфи сабку услуб ва ҳунари шоирии Ҳумоми Табрезӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ нақши назаррас гузоштааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф сабки хуби илмиро ба кор бурда, бо истифода аз равишҳои муосири таҳқиқ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст. Дар қисмати хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳқиқи худро дар даҳ банд ҷамъбаст карда, дар баробари ин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои муҳимро арз доштааст.

Бо вуҷуди ин, аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки рисолаи илмӣ аз камбудиҳо орӣ нест. Барои такмили беҳтари рисола бартараф намудани нукоти зерин ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Фасли аввали боби сеюми кор “Устухонбандӣ” унвон дорад ва дар он муҳаққиқ сохту архитектоника ва сохтори бадеии ғазалҳои шоирро таҳқиқ кардааст. Ба назари мо, беҳтар он мебуд, ки муҳаққиқ ин масъаларо дар боби аввали рисола нишон медод, ки дар он қисмат масоили таснифоти ашъори шоир баррасӣ шуда, дар он ҷо барои ғазал зерфасли алоҳида бахшида шудааст;

2. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасад (с.8; 13; 15; 18; 20).

Бо вуҷуди ин, нукоти арзшуда ҷузъӣ ба ҳисоб рафта, арзиши рисолаи илмии унвонҷӯ Фатулоҷони Умарзодаро кам намекунад ва рисолаи мазкур рисолаи комили анҷомёта ба ҳисоб меравад.

Хулоса, аз матни автореферат маълум мешавад, ки диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи “Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ” таҳқиқоти комили анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба

талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ аст.

**Муқарриз**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
директори Маркази омӯзишӣ ва
дастгирии занони роҳбарикунанда
ва болаёқати Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшозода Шоҳбегим Хайрулло

Суроға: шаҳри Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир 33.
Телефон: (+992) 985118470
becim1991@mail.ru
18 декабри соли 2024

Имзои Ш.Х. Маликшозодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон

Суроға: шаҳри Душанбе, н.
Исмоили Сомонӣ
кӯчаи Саид Носир 33.
Телефон: (372) 24 8945
18 декабри соли 2024